UN DP Tajikistan

Investing in our future
The Global Fund
To Fight AIDS, Tuberculosis and Malaria
Барнома оид ба мубориза зидди бемориҳои ВИЧ/СПИД, сил ва вараҷа дар Ҷумҳурии Тоҷикистон
HIV/AIDS,TB and Malaria Control in Tajikistan
Программа по борьбе с ВИЧ/СПИД, туберкулёзом и малярией в Республике Таджикистан

СПИД Фонд Шарқу Ғарб
AIDS Foundation East West
Тоҷикистон|Tajikistan

# *Ман боварӣ дорам, ки акнун ҳаёти комил ба сар мебарам!*

Фарида дар бораи сироят шуданаш бо ВНМО соли 2011 хабар меёбад. Ӯ ки аз бемор буданаш гумоне надошт, ин хабар барояш ҳамчун балои ногаҳонӣ буд.

Баъди гузашти чаҳор сол Фарида қабули ТЗР оғоз кард. Вақте худро пайваста нотобу беҳол ҳис карду, сараш чарх задан гирифт, ӯ қабули давоҳои барои ҳаёт муҳимро қатъ кард. Ба маслиҳатҳои духтурон эътибор надода, дигар табобатро идома додан намехост. Фаридаи бистуҳаштсола, соҳиби ду фарзанд шуғле надошт. Хеле мехост дар ҷойе кор кунаду, дар иҳотаи мардум бошад, ҳамеша саргарми сӯҳбат бошаду, аз бемориаш фаромӯш кунад. Дар зодгоҳаш ноҳияи Бохтар, чун барои аксари занҳои ҷавон, барояш ҷойи кор пайдо кардан душвор буд. Бо гузашти рӯзҳо аҳволи ӯ бадтар мешуду, хубтар не ва ягона раҳоиро аз ин беилоҷӣ Фарида дар худкушӣ медид.

Моҳи декабри соли 2015 Фарида бо корманди иҷтимоии Ташкилоти ҷамъиятии ҷумҳуриявии «СПИД Фонд Шарқу Ғарб – Тоҷикистон» шинос шуд, ки ба хонаааш барои аёдати ӯ омада буд. Ҳангоми вохӯрии дуюм, корманди Фонд, ҳамчун ба шахси ҳаммисл ба Фарида дар бораи гирифториаш ба бемории ВНМО хабар дод. Ӯ дар бораи таҷрибаи зиндагиаш бо бемории ВНМО, инчунин дар бораи аҳамияти қабули муттасил ва риояи реҷаи давоҳои зиддиретровирусӣ қисса карда, Фаридаро бовар кунонд, то табобати дастгирикунандаро барқарор намояд.



Тӯли вохӯриҳои мунтаззам, корманди иҷтимоии Фонд барои Фарида роҳбалад ва мушовири ҳаммисл шуда, ба ӯ дар пайдо намудани ҷойи кор дар дӯкони дӯзандагӣ кумак расонид.

*«Ба ман дастгирӣ зарур буд, хеле мехостам зиндагӣ карда, кор кунам. Бахти ман омад карду, чунин имконият бароям фароҳам шуд. Хонаи мо як духтари ситорагарме омад ва ақли маро равшан кард. Бо ӯ ҳамчун бо шахси баробар сӯҳбат карда тавонистам ва бори аввал дар бораи тарсу ҳарос ва ошуфтагиям озодона ҳарф задам. Ҳоло се моҳ мешавад, ки ман табобат карда истодаам ва ба кор ҳам баромадам. Ман аз кормандони Фонд хеле миннатдорам, ки онҳо бароям дари ояндаро во намуданд!»* - мегӯяд Фарида дар бораи таассуроти худ.

---

Лоиҳаи «Мустаҳкамкунии шароити мусоид ва васеъ намудани миқёси чорабиниҳои профилактикӣ, табобат ва нигоҳубин барои нигоҳ доштани паҳншавии эпидемияи ВНМО дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз ҷониби Ташкилоти ҷамъиятии ҷумҳуриявии «СПИД Фонд Шарқу Ғарб – Тоҷикистон» дар ҳамкорӣ бо марказҳои минтақавии ВНМО ва ҳашт ташкилоти ҷамъиятӣ дар 22 шаҳру ноҳияҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ мегардад. Лоиҳа аз ҷониби Хазинаи глобалии мубориза бар зидди СПИД, сил ва вараҷа (Барномаи рушди СММ дар Тоҷикистон) маблағгузорӣ мешавад.